«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи
энергетикии Тоҷикистон,
н.и.к., дотсент
________ Исозода Д.Т.
«27» апрел соли 2023

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

**1. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосир суръат ва миқёси дигаргуниҳои иқтисодӣ сабаби афзоиши дараҷаи номуайянии беруна ва дохилӣ гардида, ба қобилияти устувории иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ таъсири калон мерасонанд. Зин сабаб ҳалли вазифаҳои муосир дар ҷабҳаи самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодиёт, аз ҷумла таъмини иқтисодиёт бо қувваи барқ дар заминаи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ (ИЭЭ) аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Инфрасохтори электроэнергетикӣ қисми таркибии соҳаи энергетикаи миллӣ буда, ҳамзамон ҳамчун ҷузъи муҳимтарини инфрасохтори истеҳсолии минтақа баромад менамояд ва фаъолияти он ба муносибати иқтисодии байни субъектҳо дар истеҳсол, тақсимот ва истифодабарии қувваи барқ асос меёбад. Суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати амнияти энергетикӣ бештар аз дараҷаи инкишофи инфрасохтори электроэнергетикӣ вобаста аст, зеро таъминоти боэътимод бо нерӯи барқ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи инфрасохтории электроэнергетикӣ ба ҳисоб меравад ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ хело калон аст. Дар баробари ин, танҳо фаъолияти пурсамари инфрасохтор метавонад ниёзҳои стратегии иқтисодиётро қонеъ гардонад, чунки фаъолияти инфрасохтори

электроэнергетикӣ аз нуқтаи назари таъмини рушди устувори иқтисодиёт имконият медиҳад захираҳои электроэнергетикӣ самаранок истифода шаванд, миқёси фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ васеътар гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ҳамчун асоси фаъолияти босамари иқтисодиёт афзояд.

Зин сабаб, омӯзиши ҷабҳаҳои назариявию методӣ ва амалии механизми фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ аҳамияти калон пайдо кардааст. Дар диссертатсияи Ҳомидова М.И. роҳҳои муайянкунӣ, тавсиф ва такмили самараи механизми фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ баррасӣ гардиданд, ки мубрамияти баланди мавзӯи таҳқиқоти мазкурро муайян менамоянд.

**2. Мутобиқати мӯҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқ аст. Соҳаи таҳқиқот ба қисмати: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика. 20. Масоили баландбардории самаранокии барқ ва истифодаи сарчашмаҳои иловагии барқ. Механизмҳои баландбардории самаранокии барқ ва сарфаи барқ дар саноат ва энергетика.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Навгонии илмии таҳқиқот дар инкишофи муқаррароти назариявӣ - методӣ ва коркарди маҷмӯи чорабиниҳои амалӣ барои таъмини рушди

устувори иқтисодӣ бо роҳи баланд бардоштани самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои хусусиятҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1.Асоснок карда шуд, ки фаъолияти пурсамари инфрасохтори электроэнергетикӣ омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт буда, дар ташаккул ва татбиқи нақшаҳои стратегӣ он бояд дар қатори омилҳои асосӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат таърифи мафҳуми "инфрасохтори электроэнергетикӣ" ҳамчун маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии ба ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ, ки эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро ба нерӯи барқ бетаваққуф ва эътимоднок қонеъ менамояд ва фаъолияти системаи иқтисодиётро муайян мекунад, дода шудааст. Он дар фарқият аз тавсифоти мавҷуда, диққати аввалиндараҷаро на ба хусусияти истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ, балки ба самараи фаъолияти иқтисодиёт бо роҳи таъмини он бо ҳаҷми зарурии захираҳои электроэнергетикӣ медиҳад.

2.Асоснок карда шуд, ки механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири онро ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ду гурӯҳи омилҳои ба ҳам вобаста – омилҳои дохилӣ, ки самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикиро муайян мекунанд ва омилҳои берунӣ, ки таъсири инфрасохтори электроэнергетикиро ба рушди устувори иқтисодиёт муайян мекунанд, баррасӣ намудан мумкин аст. Арзёбии миқдории омилҳо аз рӯи гурӯҳҳои индикаторҳо гузаронида мешавад.

3.Ба сифати меъёри арзёбии самараи нисбии иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ усули бенчмаркинги дохилӣ пешниҳод карда шуд ва он нишон дод, ки ФҶСК "ШТБ" дар шаҳри Хуҷанд, ФҶСК

“ШТБ” дар шаҳри Гулистон ва ШБ Бӯстон, ШБ Исфара зерсохторҳои бо самараи баландтарин фаъолиятбаранда мебошанд.

4.Таснифоти усулҳои мавҷудаи самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ гузаронида шуд ва дар асоси он методикаи арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ – индикатори интегралии дохилӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ – индикатори интегралии берунӣ асоснок гардид.

5.Электроғунҷоиши иқтисодиёти вилояти Суғд ва саноати он арзёбӣ гардид ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавии аз сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба нерӯи барқ ва ҳаҷми зиёди талафоти он истеҳсолнагардида ҳисоб карда шуд.

**4. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Бо истифодаи методикаи пешниҳодшуда таҳияи механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти босамараи инфрасохтори электроэнергетикӣ ва нақши он дар рушди иқтисодӣ дар Барномаҳои рушди вилояти Суғди Тоҷикистон вобаста мебошад. Хулосаҳои илмии рисола, ки ҳамчун тавсияҳои амалӣ пешкаш карда шудааст, дар фаъолияти ШСХК “Барқи Тоҷик”, Филиалҳои шабакаҳои тақсимот ва интиқоли барқ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи курсҳои таълимии банақшагирии стратегӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) ва муаммои электроэнергетикии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраротии илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷиро дар соҳаи иқтисодиёти электроэнергетикӣ, консепсияҳои илмӣ–амалии рушди иқтисодиёт ташкил намуданд.

Шиносои бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодагардида, ки 170 ададро дарбар мегирад, 13 ҷадвал, 18 расм, 5 замима, фарогири 183 саҳифа иборат мебошад.

Дар муқаддима (саҳ. 5-15) муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва тавсиф шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ ва натиҷаҳои бадастоварда мухтасар шарҳ дода шудааст.

**Дар боби якум, ки** "Асосҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ - иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ" номида шудааст, масъалаи таъмини бомароми фаъолияти иқтисодиёт, функсияи асосии инфрасохтор, механизми ба ҳам алоқамандии инфрасохтори электроэнергетикӣ барои ташаккули иқтисодиёт, системаи нишондиҳандаҳои асосии таъсиррасонанда ба инфрасохтори электроэнергетикӣ - нишондиҳандаҳои дохила ва ҳам беруна, хусусиятҳои нуқтаи назари методологӣ барои арзёбии таъсири инфрасохтои электроэнергетикӣ ба рушди иқтисодӣ баррасӣ шудаанд. (саҳ. 16-63).

**Дар боби дуюм** -"Таҳлили механизми ташкилӣ–иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон " - ҳолати муосир, хусусиятҳо ва муаммоҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд таҳлил карда, омилҳои

асоси электроэнергетикӣ таъсиррасонанда ба рушди иқтисодиёт, нишондиҳандаҳои самараи энергетикӣ, матритсаи самараи фаъолияти элементҳои инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд пешниҳод гардидааст. (саҳ.64 -111).

**Дар боби сейум** - "Консепсияи такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон" – самтҳои асосии такмили механизми ташаккули инфрасохтори электроэнергетикии минтақа, самтҳои афзалиятноки интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, сатҳи идоракуниии инфрасохтори электроэнергетикӣ ва истифодаи шабакаҳои интеллектуалӣ пешниҳод карда шудааст.

Муайян карда шуд, ки яке аз муҳимтарин мушкилоти рушди устувори инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд бо назардошти талаботи афзуншаванда, бояд кори мунтазам, танзими равандҳои истеҳсол ва интиколи нерӯи барқ ва сарфаи онро бояд таъмин намуд. (саҳ. 122-148).

## 7. Камбудиҳои асосӣ ва эродҳо.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии назариявӣ ва амалӣ инчунин диссертатсияи тақризшаванда дорои баъзе аз камбудиҳо мебошад, ки баррасӣ намудани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф аз манфиат холӣ нест.

1.Дар боби 1. тавсифи муносибатҳои методӣ ба арзёбии таъсири ИЭЭ ба рушди иктисодӣ хуб таҳлил карда шуда, методикаи арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ҳамчун маҷмӯи индикаторҳои фаъолияти шабакаҳои барқии воҳидҳои худудӣ ва нишондиҳандаҳои таъсири ИЭЭ ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод гардид (саҳ.51). Хуб мешуд дар асоси он самараи иқтисодии фаъолияти корхонаҳои алоҳидаи ҳамаи филиалҳои ҷамъияти саҳҳомии шакли кушоди Барқи тоҷик дар вилояти Суғд мавриди баррасӣ қарор гирад.

2.Инчунин дар боби 1. тавсифи муносибатҳои методӣ ба арзёбии таъсири ИЭЭ ба рушди иқтисодӣ нишон дода шудааст, алалхусус тавсифи муносибатҳои методии олимони ватанӣ, беҳтар мешуд, агар дар он баҳисобгирии нишондиҳандаҳои амнияти энергетикӣ ба таври пурра ҳаллу фасл гардад.

3.Дар боби 2-юми расми 2.2.2. саҳ. 88 электроғунҷоиши вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти солҳо таҳлили худро ёфтааст, вале давраи интихобкарда асоснок карда нашудааст ва бо соли 2016 хотима меёбад.

4.Чӣ тавре ки таҳлили элементҳои инфрасохтори электроэнергетикӣ нишон дод, мавқеи пешсафро дар бенчмаркинги "самараи инфрасохтори электроэнергетикӣ–самараи иқтисодиёти минтақа" ФҶСК "ШТБ" Хуҷанд ишғол менамояд ва яке аз сабабҳои асосӣ амал намудани системаи электронӣ мебошад. Мебоист имконияти ворид намудани системаи билингиро, ки истифодаи он боиси кам шудани талафоти неруи барқ дар ҳамаи элементҳои инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд гардидааст, дида баромада шавад.

5.Миқдори коргарони муҳандис-техникӣ дар элементҳои инфрасохтори электроэнергетикии ФҶСК дар ш.Гулистон ва Истаравшан зиёд аст. Ҳарчанд миқдори кормандони муҳандис – техникӣ зиёд бошанд ҳам, лекин нишондиҳандаҳои самараи ин элементи инфрасохтори электроэнергетикӣ - ФҶСК дар ш.Гулистон паст мебошад. Сабабҳои чунин ҳолат таҳлили чуқур ва амиқро металабад.

Камбудию эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалӣ ва баҳои умумии диссертатсияро коста намегардонанд.

**8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Интишороти муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 21 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 5 адад дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мазмун ва мундариҷаи диссертатсия инъикос гардидаанд.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи Ҳомидова М.И. дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои пешниҳодҳои мушаххас нисбати механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Ҳомидова Машхура Исматҷоновна дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва

амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи он дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №9, аз 25 апрели соли 2023).

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Турсунов Р.Р.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ
дотсенти кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, — Раҳимов З.С.

**Котиби ҷаласа:**
саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Пираков Қ.Х.

Имзоҳои Турсунов Р.Р., Раҳимов З.С.ва Пираков Қ.Х. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Каримов З.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 735162, н. Кӯшониён, ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Н. Хусрав 73.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.
Тел. (+992)777-07-65-02